**«Тасдиқ мекунам»**
Директори Институти забон
ва адабиёти ба номи Рӯдакии
АМИТ доктори илми филология
**Шарифзода Фарангис** ___________
«__2__» ____06____ соли 2023

**Тақризи**

**муассисаи пешбар – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 02. 01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси 10. 02. 01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Сохтори умумии кор, аҳаммият ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масъалаҳои баррасишаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқ, навгониҳои пажуҳиш, аҳаммияти назариявию амалии он, инчунин нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари ӯро нисбат ба мавзуи пажуҳиш инъикос мекунанд. Саҳми фардии унвонҷӯ, ҳамчунин, дар омӯзиши назарияҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлилу таҷзия, таҳияи мақолаву маърузаҳо роҷеъ ба масъалаҳои таҳқиқотӣ ифода мегардад. Муносибати методологии унвонҷӯ нисбат ба мавзуи мавриди пажуҳиш нишондиҳандаи шахсии ӯ таҳлилу таҳқиқи мавзуъ ба ҳисоб рафта, барои ҳалли боарзиш ва судманди илмии ин масъала заминаи муфид фароҳам овардааст. Диссертант дар таҳияи равиши илмии масъалаҳои дар диссертатсияи пешниҳоднамуда корбурди усулҳои синхронӣ, таҳлили матни бадеӣ, таҳлили сохторӣ, этимологии номвожаҳо, инчунин дар мавридҳои муносиб усулҳои тавсифӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва усули омориро мавриди истифода қарор додааст.

Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ доираи омӯзиши ономастика дар забоншиносии тоҷикро бо як низоми муайян овардани унвонҷӯ далели он аст, ки ӯ барои ворид гардидан ба масъалаҳои пешгузоштаи хеш ба

сарчашмаҳои илмии зиёде ошноӣ пайдо намудааст. Бо вуҷуди ин, диссертант қайд кардааст, ки бо назардошти корҳои илмии зиёд роҷеъ ба ин масъала ономастикаи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ аз дидгоҳи забоншиносӣ ба таври мукаммал омӯхта нашудааст, аз ин рӯ Имамбердиева Саломат таҳлил ва таҳқиқи мавзуи мазкурро муҳимму боарзиш ва судманду саривақтӣ меҳисобад.

Ҳадафи муҳаққиқ аз пажуҳиши мавзуъ аз он иборат аст, ки хусусиятҳои луғавию маъноӣ, сохторӣ ва баромади номвожаҳои ономастикии «Ёддоштҳо»-и С. Айниро ҳаддалимкон муайян созад.

Муҳаққиқ вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ҳангоми баррасии мавзуъ муайян намуда, мақсадашро дар 12 банд ишора кардааст.

Роҷеъ ба асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ Имамбердиева Саломат ҳангоми пажуҳиши мавзуъ ба пажуҳишҳои забоншиносон, бавижа номшиносони шинохта, аз ҷумла А. А. Фрейман, М. Н. Боголюбов, В. Б. Ҳеннинг, В. А. Лившитс, А. Л. Хромов, Р. Х. Додихудоев, Н. Офаридаев, Ш. Ҳайдаров, Ҷ. Алимӣ, О. Маҳмадҷонзода, Д. Ҳомидов ва дигарон такя намудааст.

Нуктаҳои муҳимми ба ҳимоя пешниҳодшавандаро унвонҷӯ муайян намуда, дар доираи 6 банд ба таври мушаххас овардааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Дар доираи мавзуи мазкур як қатор мақолаҳои муҳаққиқ ба нашр расидаанд, ки дар оянда аз онҳо пажуҳишгарони дигар метавонанд мавриди қарор диҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Бори нахуст ономастикаи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ аз ҷиҳати вижагиҳои сохториву маъноӣ, ташаккулу таҳаввул, баромад (этимология), мансубияти ба ҳиссаҳои номии нутқ доштаи номвожаҳо, формантҳои антропониму антротопонимсоз ва тобишҳои семантикӣ дар шакли диссертатсияи алоҳидаи номзадӣ алоқамандона бо ҷанбаҳои услубиву хусусиятҳои сохториашон ба риштаи пажуҳиш даромадаанд. Дар диссертатсия инчунин антропоним ва антротопонимҳои таърихии марбут ба ашхосу мавзеъҳо, сайри таърихиву ҷуғрофии онҳо дар асоси пажуҳишҳои муҳаққиқони қаблӣ ва муосир, тафсири ҳудуди ҷуғрофӣ ва таърихии сарзаминҳои дар «Ёддоштҳо» тасвиршуда, таҳлилу таҳқиқ гардидаанд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Ономастика дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ бо вижагиҳои зиёди услубиву бадеӣ буда, омӯзиш ва пажуҳиши ҳаматарафаи он назарияи соҳаи ономастикаи забони тоҷикиро метавонад такмил диҳад.

Ҳамчунин натиҷаҳои пажуҳиш метавонанд, дар рафти таълими ономастикаи (номшиносии) забони тоҷикӣ, семинарҳои махсуси

мактабҳои олии кишварамон ва таҳияи фарҳангҳои соҳавӣ, бавижа номшиносӣ ва луғати осори нависанда истифода шаванд. Илова бар ин, маводи пажуҳиш барои навиштани дастуру китобҳои дарсии ба соҳаи ономастика бахшидашуда нақши муҳимми вижа ва судманд дорад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт ва замима иборат буда, дар ҳаҷми 179 саҳифаи чопи компютерӣ бе назардошти замима ҷамъбаст гардидааст. Замима луғати мухтасари ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айниро дар бар мегирад.

Муқаддимаи диссертатсия аз мубрамии мавзуъ, дараҷаи пажуҳиш ба масъалаҳои мавзуъ иртиботдошта, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариву методологии мавзуъ, навгонӣ, инчунин аҳамияти назарӣ ва амалии пажуҳиш иборат буда, роҷеъ ба нуктаҳои номбурда маълумот ироа гардидааст.

Боби аввали диссертатсия «Баррасии луғавии антропонимҳои «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» номгузорӣ шуда, аз 5 фасл иборат мебошад. Дар ин боб ва фаслҳои он антропонимҳои «Ёддоштҳо» ва таърихи пайдоиши онҳо ба риштаи пажуҳиш даромада, дар бораи номи шахсони таърихиву асотирӣ, пайғамбарону чеҳраҳои шинохтаи динӣ, шоҳону шоҳзодагон, аъёну ашроф, ҳокимон, волиён ва дигар амалдорони замон дар пояи сарчашмаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва бадеӣ маълумот дода шудааст.

Фасли якуми боби аввал «Антропонимҳои ифодагари мифонимҳо, номи пайғамбарону чеҳраҳои динӣ ва таърихӣ» ном дорад, ки асосан номҳои асотириву афсонавӣ, пайғамбарон, чеҳраҳои шинохтаи динии «Ёддоштҳо» баррасӣ гардидааст. Дар навбати худ онҳоро муҳаққиқ ба гурӯҳҳои ҷудогона дастабандӣ намуда, тавзеҳ додааст, аз ҷумла номи ашхосе, ки бо лексемаҳои «хоҷа», «мулло» сурат гирифтаанд.

Дар фасли дуюм номи шоҳону шоҳзодагон ва аъёну ашроф ва амсоли инҳо таҳлил шуда, дар фасли сеюм дар бораи адибон, донишмандон ва фозилони давр маълумот дода шудааст. Инчунин муҳаққиқ антропонимҳои фасли сеюмро вобаста ба макону замон ба зергурӯҳҳо тақсим намуда, бо шоҳидҳои дақиқу мушаххас шарҳу эзоҳ додааст.

Фаслҳои чоруму панҷум номи пешаварони соҳаҳои гуногун ва бархе аз хешовандони адибро фаро гирифта, мавриди баррасии диссертант қарор гирифтаанд.

Унвони боби дуюми диссертатсия «Баррасии тобишҳои маъноӣ-услубӣ ва омории ономастикаи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» буда, аз маълумоти муқаддимавӣ ва ду фасл иборат аст. Дар фаслҳои ин боб номвожаҳои асар аз ҷиҳати тобишҳои маъноӣ, услубӣ ва оморӣ ба риштаи таҳқиқ даромадааст. Дар навбати худ номвожаҳо ба бахшҳои алоҳида гурӯҳбандӣ шудаанд, ки аз қобилият ва таҷрибаи хуби диссертант дарак

медиҳад. Чунончи, Саломат Имамбердиева манзарасозӣ, тасвирҳои бадеӣ, ҳодисаҳои гуногуни таърихӣ, номи муассисаҳои таълимӣ ва ҷойҳои зист, бозорҳо, дарвозаҳои дар «Ёддоштҳо» тасвиршударо таҳқиқ намуда, ба омори ҳар яке аз онҳо ишора кардааст, ки заҳмати зиёдро талаб мекунад.

Боби сеюми диссертатсия «Баррасии сохторӣ ва мансубияти забонии номвожаҳои «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» ном дошта, аз 2 фаслу 5 зерфасл иборат аст. Гурӯҳбандии калимаҳо аз ҷиҳати қолибҳои сохтории забонӣ ва таҳлили онҳо яке аз масъалаҳои асосӣ ва муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар фасли аввали ин боб онимҳои сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ҳангоми таҳлил онҳоро ба гурӯҳҳои махсус, аз ҷумла антропонимҳои сода, хорониму астионимҳои сода; сохта шудани онимҳо бо пасвандҳо; онимҳои мураккаби ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мансубият дошта ва онимҳои дар қолиби ибораҳо корбаст гардида, дастабандӣ шудаанд.

Дар фасли дуюм онимҳо аз рӯйи мансубияти забониашон гурӯҳбандӣ ва баррасӣ гардидааст.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳои мушаххаси диссертант ҷамъбаст ёфтааст ва натиҷагириҳо гувоҳи онанд, ки масъалаҳои дар диссертатсия матраҳгардида ҳаддалимкон ҳалли худро пайдо кардаанд.

Дар хулосаи умумӣ муҳаққиқи диссертатсия натиҷаҳои пажуҳиши худро дар 12 банд ҷамъбаст намудааст, ки аз аҳамияти назарӣ ва амалӣ холӣ нестанд.

Диссертатсияи Имамбердиева Саломат дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия шудааст. Тарзу усули иқтибос, таҳлили бобу фаслҳо, натиҷагириҳо ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосир ва таҳияи корҳои илмиву таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Лозим ба зикр аст, ки ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсия ба воситаи се боби он амалӣ гардидааст.

Хулосаҳои таҳқиқро унвонҷӯ дар 12 банд ба таври муфассал овардааст.

Диссертатсияи Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» буда, хеле доманадор мебошад, ки паҳлуҳои гуногуни номҳои ин асар таҳқиқ шудаанд.

Бо вуҷуди ин, дар баробари дастоварду комёбиҳои илмӣ дар ҳалли масъалаҳои таҳқиқоти ономастикаи «Ёддоштҳо» баъзе нуктаҳои баҳсталаб, норасоиву камбудиҳо роҳ ёфтааст, ки аз бандҳои зерин иборатанд:

1. Бандҳои а, б, г такрори ҳамдигар буда, хуб мебуд дар як банд ҷой дода мешуданд: саҳ. 37, 38.

2. Натичагирии баъзе фаслҳо ба истиснои бархе аз калимаҳо дар як қолиб омада, айнан такрори якдигар мебошанд: саҳ. 38, 44, 64, 69, 71.

3. Муҳаққиқ дар баъзе мавридҳо аз суханони донишмандони дигар истифода намуда, вале ба сарчашмаи онҳо ишора накардааст (саҳ. 35, 68, 138). Инчунин, аз чиҳати услуб ва мантиқ бархе аз чумлаҳо коҳиш ёфтааст. Масалан, фасли аввал доир ба тобишҳои маъноӣ ва услубии асар маълумот дода, … (саҳ. 17). – Ин чумла агар ба таври зайл корбаст мегардид, дуруст мебуд: Дар фасли аввал дар бораи тобишҳои маъноӣ ва услубии асар маълумот ироа гардида, … . Ҳамин гуна чумлаҳо дар саҳифаҳои дигари диссертатсия ба мушоҳида мерасад: саҳ. 19, 37, 46, 61.

4. Дар диссертатсия Алӣ чун номи яке аз пайғамбарони дини Ислом мансуб дониста шудааст, ки саҳеҳ нест (саҳ. 36) ва дар нишон додани сарчашмаҳо низ якрангӣ ба назар намерасад. Дар баъзе чойҳо номи муҳаққиқон ҳам берун аз қавс ва ҳам дар дохили қавс оварда шудааст: М. С. Андреев [Андреев 1992], саҳ. 7, 8, 9, 11. Дар чойҳои дигар берун аз қавс номи муҳаққиқ ва дар қавс соли таълифи сарчашма.

5. Дар рӯйхати адабиёти диссертатсия чо-чо нишон надодани замони нашри адабиёт ва мушаххасоти он (нашриёт) ва риоя нагардидани тартиби алифбо ва хронология ба назар мерасанд: саҳ. 155, 156, 157, 158.

6. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ, техникӣ низ роҳ ёфтааст: саҳ. 7, 10, 17, 20, 28, 31, 35, 38, 40, 45, 51, 59, 63, 78, 102, 104, 108, 115, 119, 126.

Дар маҷмуъ эродҳои зикршудаислоҳшаванда буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба инобат гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмиву амалии диссертатсияи Имамбердиева Саломат Менгликуловна ҳусни тозаи илмӣ мебахшанд.

Дар маҷмуъ эродҳои баёнгардида хусусиятҳои имлоӣ, техникӣ ва услубиву мантиқӣ доранд. Аз ин чиҳат, моҳияти илмӣ ва дастовардҳои унвонҷӯро коста намесозанд.

Мазмуну мундаричаи диссертатсия ба фишурдаи он, ки ба ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст, мувофиқат мекунад ва муҳтавои он бо мақолаҳои ба нашр расонидаи муҳаққиқ, ки дар маҷмуъ 10 ададро ташкил медиҳанд, пурра инъикос мекунанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар бораи мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10. 02. 01. – Забони тоҷикӣ мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон посухгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, посухгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 02. 01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 31.05.2023, суратҷаласаи № 6/23 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи шуъба иштирок доштанд: 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 9 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири шуъбаи забони тоҷикии Институти**
**забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ,**
**номзади илми филология** **Мирзоев Сайфиддин**

**Ташхисгар:**
**ходими пешбари илмии шуъбаизабони тоҷикии**
**Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ,**
**номзади илми филология** **Собирҷонов Солеҳҷон**

**Котиби ҷаласа:**
**ходими калони илмии шуъбаи забонҳои бостон ва ориёии**
**ИЗА ба номи Рӯдакии АМИТ,**
**номзади илми филология** **Мамадаминова Замира**

**Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21**
**Тел.: 227-27-52**
**Сайт: hh://anrt.tj**
**E-mail: sayf_yagnob@mail.ru**
**Тел.: 919-80-38-20**

**Имзоҳои С. Мирзоев, С. Собирҷонов,**
**З. Мамадаминоваро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои ИЗА ба номи**
**Рӯдакии АМИТ** **Нарзиқулова Ҳилола**

ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

**01.06.2023**